## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи «Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншооти гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 - Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 - Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод гардидааст**

Дар шароити шиддат гирифтани тағйирёбии иқлим, коҳишу тағйирёбии мавсимии захираҳои об ва зиёд шудани талабот ба неруи барқ, арзёбии илмии устувории низоми гидроэнергетикӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Барои Тоҷикистон, ки қисми асосии истеҳсоли неруи барқ ба фаъолияти неругоҳҳои барқи обӣ вобаста аст, омӯзиши ҳамгироёнаи равандҳои гидрологӣ, иқлимӣ, эрозионӣ ва энергетикӣ аҳаммияти махсус дорад. Аз ҳамин нуқтаи назар, таҳқиқоти Раҳмонов Ш.С. мубрам, саривақтӣ ва ба ҳалли вазифаҳои стратегии соҳаи обу энергетика нигаронида шудааст.

Хусусияти фарққунандаи диссетратсия дар он аст, ки муаллиф масъалаи рушди гидроэнергетикаро танҳо аз мавқеи иқтидори техникии неругоҳҳо баррасӣ накарда, онро бо тағйирёбии иқлим, эрозияи хок, интиқоли таҳшинҳо, реҷаи обанборҳо ва диверсификатсияи манбаъҳои энергия пайваст намудааст. Чунин равиши байнисоҳавӣ барои таҳияи қарорҳои устувор дар ҳавзаи дарёи Вахш заминаи муносиби илмӣ фароҳам меорад.

Мақсади таҳқиқот дуруст муайян шуда, вазифаҳои гузошташуда ба он мутобиқ мебошанд. Объекти таҳқиқот силсилаи иншооти гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш буда, мавзуи таҳқиқот асосноккунии илмии сенарияи рушди низоми энергетикӣ, оптимизатсияи тавозуни захираҳо ва моделсозии фаъолияти иншооти гидротехникӣ дар шароити чолишҳои иқлимӣ ва экологиро фаро мегирад.

Дар боби якум тамоюлҳои ҷаҳонии энергетика, масъалаҳои амнияти энергетикӣ ва гузариш ба манбаъҳои камкарбон таҳлил гардидаанд. Дар боби дуюм вазъи энергетикаи Тоҷикистон, захираҳои гидроэнергетикӣ, истеҳсоли ангишт, рушди НБО-ҳои хурд ва имконияти баланд бардоштани самаранокии панелҳои офтобӣ баррасӣ шудааст. Боби сеюм ба арзёбии иқтидори энергетикии дарёҳо, таҳияи моделҳои математикӣ ва омӯзиши таъсири таҳшиншавӣ ба фаъолияти неругоҳҳо бахшида шудааст. Дар боби чорум модели танзими мавсимии НБО-и Роғун, вобастагиҳои ҳаҷм, сатҳ ва масоҳати обанбор, талафоти об,

сенарияҳои иқлимӣ ва модели консептуалии ҳамгироёнаи низоми гидроэнергетикӣ пешниҳод гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар истифодаи маҷмуии моделҳои SRM ва MUSLE, технологияҳои GIS ва сенарияҳои CMIP5/CMIP6 барои арзёбии таъсири тағйирёбии иқлим, эрозия ва таҳшиншавӣ ба захираҳои гидроэнергетикии ҳавзаи дарёи Вахш ифода меёбад. Муаллиф самаранокии энергетикии дарёҳои Вахш, Обихингоб ва Сурхобро муқоиса намуда, қитъаҳои афзалиятнокро барои рушди минбаъдаи неругоҳҳо муайян кардааст. Арзёбии таъсири баландшавии ҳарорат ба сарфи об ва иқтидори неругоҳҳо ҷанбаи муҳими пешгӯии таҳқиқот мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки афзоиши таҳшинҳо ҳаҷми муфиди обанборро кам намуда, ба фишори об ва истеҳсоли неруи барқ таъсири манфӣ мерасонад. Харитаҳои фазоии омилҳои эрозионӣ ва модели консептуалӣ-математикии пешниҳодшуда барои муайян кардани минтақаҳои осебпазир, банақшагирии корҳои муҳофизати хок ва об ва такмили идоракунии обанборҳо аҳаммияти амалӣ доранд.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодаи маълумоти расмӣ, усулҳои санҷидашудаи моделсозӣ, муқоисаи натиҷаҳо бо таҳқиқоти қаблӣ ва тасвиби онҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ таъмин гардидааст. Саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот, иҷрои ҳисобҳо, таҳияи моделҳо, ҷамъбасти натиҷаҳо ва пешниҳод намудани тавсияҳои илмӣ равшан баён шудааст.

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми таҳияи нақшаҳои мутобиқшавии соҳаи гидроэнергетика ба тағйирёбии иқлим, мониторинги эрозия ва таҳшиншавӣ, муайян кардани реҷаи оптималии обанборҳо ва арзёбии лоиҳаҳои нави энергетикӣ истифода шаванд. Арзиши амалии кор бо пешниҳоди тавсияҳо оид ба идоракунии ҳамгирошудаи обанборҳо, пайвастани НБО-и Роғун бо манбаъҳои офтобӣ ва бодӣ ва истифодаи абзорҳои GIS тақвият ёфтааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 22 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 12 мақолаи маҷаллаҳои тақризшаванда, як патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақолаи конференсионӣ инъикос гардидааст. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, матни автореферат натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муаллифро фаро мегирад.

**Бо вуҷуди баҳои мусбат, ҷиҳати такмили минбаъдаи таҳқиқот нуктаҳои зеринро қайд намудан мумкин аст:**

1. Дар автореферат тартиби калибркунонӣ ва санҷиши моделҳои SRM ва MUSLE, давраҳои заминавии мушоҳида ва меъёрҳои баҳодиҳии дақиқии моделҳо ба таври муфассал нишон дода нашудаанд. Шарҳи ин масъалаҳо эътимоднокии натиҷаҳои моделсозиро равшантар менамуд.
2. Дар саҳифаи 13 автореферат дар номи Расми 10 калимаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад.
3. Дар саҳифаи 16 автореферат бад аз рақами 2600 воҳиди ченак "MJ" ба шакли дурусти "МҶ" иваз карда шавад.

Нуктаҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба навгонӣ, эътимоднокӣ ва аҳаммияти умумии натиҷаҳои таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса.** Диссертатсияи Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич таҳқиқоти мустақил, мукаммал ва анҷомёфтаи илмӣ мебошад. Автореферат муҳтавои асосии корро инъикос намуда, натиҷаҳои пешниҳодшуда барои рушди устувори гидроэнергетика ва идоракунии иншооти гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Кори диссертатсионӣ ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 - Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 - Сохтмони гидротехникӣ) мебошад.

Мудири кафедраи гидрогеология ва
геологияи муҳандисии факултети геологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои геологию
минералогӣ, дотсент Давлатзода Ф.С.

Имзои "Давлатзода Ф.С."-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

03. 09. 2026